ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД 321.727(575.3)

ХОЛОВ САФОБАХШ САНАҚУЛОВИЧ

НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ОН ДАР НИЗОМИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст

Роҳбари илмӣ:	**Каримов Шамсиддин Турсунматович** - доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Муқарризони расмӣ:	**Комилбек Амид Ёрбек** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
	Қурбонова Руқия Атоевна – номзади илмҳои сиёсӣ, мушовири ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Муассисаи пешбар:	Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳимояи диссертатсия «26» сентябри соли 2026 соати 10 °° дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-79-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия дар Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 ирсол гардид

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ
Email: sanginov1953@mail.ru **Сангинов Н.Ш.**

Муқаддима

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ниҳоди Президент яке аз мавзуъҳои марказии илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, ҳамзамон ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ ва таҳқиқшавандаи қудрати сиёсӣ баррасӣ мегардад, зеро маҳз тавассути омӯзиши он хусусиятҳои сохторӣ ва вазифавии низомҳои сиёсӣ, тарзи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва хусусияти муносибатҳои байни ниҳодҳо ва иштирокчиёни сиёсӣ равшан карда мешаванд. Мубрамияти мавзуи омӯзиш бевосита аз он бармеояд, ки дар бисёр низомҳои сиёсӣ, бахусус дар ҷумҳуриҳои дорои шакли идоракунии президентӣ ва нимапрезидентӣ (омехта) Президент на танҳо саркори расмии давлат, балки маркази воқеии қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад, ки ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи нақши ӯро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ба миён меорад. Ҳамчунин, тағйирёбии шаклҳои давлатдорӣ, густариши ислоҳоти сиёсӣ ва афзоиши аҳаммияти омилҳои шахсият дар сиёсат масъалаи президентиро ба яке аз самтҳои асосии тадқиқоти муосири саёсатшиносӣ табдил додааст. Тибқи омӯзиши сиёсатшиносии муқоисавӣ, омӯзиши ниҳоди Президент имконият медиҳад, ки моделҳои гуногуни президентӣ, дараҷаи муттамарказшавии қудрат ва таъсири онҳо ба устувории режимҳо таҳлил карда шаванд, ки барои фаҳмиши қонунмандиҳои умумии рушди низоми сиёсӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Илова бар ин, аҳаммияти ин мавзуъ аз он бармеояд, ки ниҳоди мазкур на танҳо як сохтори расмии ҳокимият аст, балки дар амал ҳамчун як нуқтаи пайвасткунандаи унсурҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳокимият низ баромад мекунад. Маҳз тавассути он муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва элитаҳои сиёсӣ шакл мегиранд ва танзим мешаванд. Аз ин рӯ, бидуни дарки амиқи ин ниҳод фаҳмидани равандҳои сиёсӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар заминаи байналмилалӣ душвор ба назар мерасад.

Мубрамияти пажуҳиши мавзуи ниҳоди Президент дар шароити Тоҷикистон ва ҷойгоҳи ин ниҳод дар сохтори ҳокимияти сиёсӣ ва нақши муайянкунандаи он дар шаклгирӣ, устуворӣ ва динамикаи низоми сиёсӣ сарчашма мегирад, зеро Президент, ҳамчун як актори меҳварии сиёсӣ, на танҳо самтҳои асосии рушди давлатро муайян мекунад, балки дар амал ба шаклгирии муносибатҳои ҳокимият, механизмҳои тақсимоти захираҳои сиёсӣ ва тарзи қабули қарорҳои давлатӣ низ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ, омӯзиши ин ниҳод пеш аз ҳама ҳамчун омӯзиши маркази иродаи сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки тавассути он мантиқи амалкарди режим, хусусияти ҳамкории элитаҳои сиёсӣ ошкор карда мешавад.

Аҳаммияти таҳқиқи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақом ва нақши он дар низоми ҳокимияти давлатӣ низ асоснок мегардад. Президент ҳамчун унсури калидии механизми идоракунии давлатӣ дар таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият, танзими муносибатҳои байни онҳо, пешгирии ихтилофҳои институтсионалӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, фаҳмиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ин ниҳод бидуни таҳқиқоти мукаммали илмӣ имконнопазир аст. Дар заминаи таҳлили режимҳо ниҳоди Президент имкон фароҳам

меорад, ки сатҳи институтсионализатсияи сиёсат, дараҷаи шахсиятгароии ҳокимият ва механизмҳои легитиматсияи он ба таври мукаммал арзёбӣ карда шаванд. Ниҳоди Президент дар аксари ҳолатҳо шакли воқеии низоми сиёсиро муқаррар месозад, на меъёрҳои конститутсионӣ, ки ин тавассути таҳлили назариявии сиёсӣ беҳтар ошкор мегардад.

Мубрамияти омӯзиши мавзуъ ҳамчунон ба он вобаста аст, ки ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун механизми марказии татбиқи ислоҳоти сиёсӣ ва таъмини суботи давлатӣ баромад менамояд, ташаббусҳои ислоҳотӣ ва механизми фаъолсозии идоракуниро ба роҳ мемонад, ки дар натиҷа омӯзиши ин ниҳодро барои фаҳмиши самти умумии таҳаввулоти сиёсӣ зарур мегардонад. Аз нигоҳи омӯзиши муқоисавӣ, таҳлили ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки хусусиятҳои модели президентии минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор гардида, ҷойгоҳи кишвар дар типологияи режимҳои сиёсӣ дақиқ муайян карда шавад. Зеро дар шароити Тоҷикистон Президент на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун роҳбари воқеии ҳокимияти сиёсӣ ва маркази асосии ҳамоҳангсозии гурӯҳҳои элитавӣ баромад менамояд.

Мубрамияти чунин таҳқиқот иловатан аз он сарчашма мегирад, ки ниҳоди Президент дар раванди ташаккули легитиматсияи сиёсӣ нақши калидӣ дорад: маҳз тавассути ин ниҳод робитаи рамзӣ ва амалии байни давлат ва ҷомеа таъмин гардида, тасаввури қудрат дар шуури сиёсӣ шакл мегирад. Дар шароите, ки ҷомеаи Тоҷикистон бо равандҳои пайдарпайи модернизатсия, тағйирёбии интизориҳои иҷтимоӣ ва афзоиши талабот ба самаранокии идоракунии давлатӣ рӯ ба рӯ мебошад, омӯзиши ниҳоди Президент имкон медиҳад, то дараҷаи мутобиқшавии низоми сиёсӣ ба ин равандҳо ва ниёзҳои иҷтимоӣ арзёбӣ гардад. Аз мавқеи таҳлили элитаҳо, Президент ҳамчун субъекти марказӣ дар ташаккули элитаи ҳоким, танзими гардиши кадрҳои сиёсӣ ва устуворсозии сохторҳои давлатӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Ин омил ба пойдории режим, пайдарҳамии сиёсати давлатӣ ва идомаи самтҳои стратегии рушди кишвар таъсири мустақим мерасонад. Аз ин нуқтаи назар ҳам омӯзиши масъалаи мазкур аҳаммияти илмии ба худ хосеро касб менамояд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи ниҳоди Президент дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти таҳлили сиёсӣ имкон медиҳад, то хусусиятҳои амалкарди қудрат, мантиқи рушди режим ва тамоюлҳои эҳтимолии таҳаввулоти сиёсӣ ба таври илмӣ баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуъ танҳо бо талаботи назариявии илми сиёсӣ маҳдуд намегардад, балки дар самти таҳлили равандҳои воқеии сиёсӣ, арзёбии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва тақвияти самаранокии идоракунии давлатӣ низ аҳаммияти назарраси амалиро ба худ касб менамояд.

Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот. Мавзуи ниҳоди Президент дар илмҳои сиёсӣ аз ҷумлаи масъалаҳое ба шумор меравад, ки на он қадар ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар адабиёти илмӣ ин мавзуъ аз нуқтаи назари назариявӣ, институтсионалӣ, таърихӣ ва амалии сиёсӣ таҳқиқ гардида, мактабҳо ва равияҳои гуногуни илмиро ба вуҷуд овардааст, ки онҳоро мо чунин гурӯҳбандӣ намудаем:

Гурӯҳи аввалро асосан масъалаи ташаккул, рушд ва фаъолияти ниҳоди президентӣ, пеш аз ҳама, дар осори муҳаққиқони амрикоӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки маҳз дар ШМА низоми классикии президентӣ бори аввал дар шакли конститутсионӣ ташаккул ёфта, дар раванди рушди давлатдорӣ ба объекти омӯзиши доимии сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносон табдил гардидааст. Дар ин самт саҳми назарраси Александр Ҳамилтон [115] ва Ҷеймс Мэдисон [122] ҳамчун бунёдгузорони асосҳои назариявии ҳокимияти иҷроия ва низоми мувозинат ва боздории шохаҳои ҳокимият махсус арзёбӣ мегардад. Дар марҳилаи баъдӣ масъалаҳои марбут ба нақш ва ҷойгоҳи Президент дар низоми сиёсии давлат дар осори Вудро Вилсон[142] инкишофи назариявии худро пайдо намуда, ӯ зарурати ташаккули ҳокимияти иҷроияи самаранок ва фаъоли сиёсиро асоснок кардааст. Дар навбати худ, муҳаққиқони муосири амрикоӣ, аз ҷумла Сеймур Мартин Липсет [120;121], Ричард Нойштадт [124], Ричард Пайос [126], Луис Фишер [113], Лоуренс М. Фридман [114], Ҷеймс Қ. Уилсон [133], Ҷеймс Турбер [128] ва Стивен Уэйн [131], Ким Р. Холмс [116;117], Артуро А. Валенсуэла [130], Доналд Л. Горовиц [118] ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ниҳоди президентиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба қудрати сиёсӣ ва ҳуқуқии Президент, муносибатҳои ӯ бо мақомоти қонунгузор, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба рушди ниҳоди президентӣ, нақши шахсияти Президент дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, инчунин масъалаҳои вобаста ба таъмини самаранокии ҳокимияти иҷроия ва нигоҳдории мувозинати институтсионалӣ таҳлил шудаанд. Аз ин рӯ, осори муҳаққиқони амрикоӣ заминаи муҳимми назариявӣ ва методологиро барои омӯзиши ниҳоди президентӣ дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ фароҳам меоранд.

Гурӯҳи дуюмро муҳаққиқони аврупоӣ ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар рушди назарияи ниҳоди президентӣ назаррас мебошад. Бар хилофи анъанаи амрикоӣ, ки асосан ба омӯзиши модели классикии президентӣ ва ҳокимияти иҷроияи мустақил равона гардидааст, дар таҳқиқоти олимони аврупоӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои мувозинати ҳокимият, конститутсионализм, легитимияти сиёсӣ ва ҷойгоҳи Президент дар низомҳои парламентӣ ва нимапрезидентӣ равона шудааст. Дар ин самт осори Алексис де Токвил [129], Макс Вебер [132], Морис Дюверже [112], Мишел Дебре [111], Франсуа Платон [127], Мишел Пикемал [125] ва Хайнц Меллер [123] аҳамияти махсус доранд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба мақоми конститутсионии сарвари давлат, таносуби ваколатҳои Президент ва ҳукумат, нақши Президент дар таъмини суботи сиёсӣ, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва харизматикӣ ба фаъолияти роҳбари давлат, инчунин масъалаҳои вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқони мазкур нишон додаанд, ки самаранокии ниҳоди президентӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои ҳуқуқии он, балки аз хусусиятҳои низоми сиёсӣ, сатҳи рушди фарҳанги сиёсӣ, мавҷудияти механизмҳои назорат ва дараҷаи рушди ниҳодҳои демократӣ низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, осори олимони аврупоӣ барои

дарки моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти ниҳоди президентӣ дар низомҳои гуногуни сиёсӣ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дошта, барои таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои муосир заминаи устувори илмӣ фароҳам меоранд.

Гурӯҳи сеюмро олимони рус, шуравӣ ва пасошуравӣ ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар рушди назарияи ниҳоди президентӣ назаррас мебошад. Агар муҳаққиқони руси давраи тоинқилобӣ бештар ба масъалаҳои моҳияти ҳокимияти давлатӣ, қонуният, тақсими ҳокимият ва мақоми сарвари давлат таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошанд, олимони давраи шуравӣ ва пасошуравӣ масъалаи ниҳоди президентиро аллакай дар шароити ташаккул ва фаъолияти амалии ин ниҳод мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар ин самт осори Градовский А.Д. [18], Коркунов Н.М.[28], Топорнин Б.Н. [96], Ганюшкин В. [62]., Кузнетсов Е.Л [29]., Лазарев Б.М [31]., Скуратов Ю.И [42]., Шафир М.А[102]., Энтин Л.М[57;58]., Кутафин О.Е [30]., Чиркин В.Е [53;54;55]., Хутинаев И.Т [49;50]., Каллагов Т.Э [25]., Краснов М.А [76] аҳаммияти махсус доранд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба мақоми конститутсионии Президент, нақши ӯ ҳамчун кафили Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таносуби ваколатҳои Президент бо дигар шохаҳои ҳокимият, механизмҳои мувозинат ва маҳдудсозии қудрат, инчунин ҷойгоҳи Президент дар таъмини суботи сиёсӣ ва ягонагии давлат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, олимони мазкур ба масъалаҳои мутобиқсозии ниҳоди президентӣ ба хусусиятҳои миллӣ, таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва нигоҳдории тавозуни институтсионалӣ диққати махсус додаанд. Аз ин рӯ, осори олимони рус, шуравӣ ва пасошуравӣ заминаи муҳими назариявӣ ва методологиро барои омӯзиши ниҳоди президентӣ дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.

Гурӯҳи чаҳорумро олимон ва муҳаққиқони Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба ниҳоди президентӣ низ назаррас мебошад. Дар адабиёти илмии Тоҷикистони муосир масъалаҳои вобаста ба ниҳоди президентӣ асосан баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули низоми нави давлатдорӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Ҳарчанд то имрӯз таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷониба оид ба таҳкими ниҳоди Президент ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд боқӣ мемонад, як қатор олимон ва муҳаққиқони тоҷик дар доираи масъалаҳои давлатдорӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, низоми сиёсии ҷомеа, тақсими ҳокимият, рушди давлатдории миллӣ ва нақши сарвари давлат ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Дар ин самт саҳми илмии С. Ятимов [140], А. Маҳмадов [33], Г.Н. Зокиров [20], З. Ализода [106], М. Хидирзода [46;47;99], С.З.Кувватзода [77] Р.Ҷ. Ҳайдаров [105], А.Е Комилбек [27;74], А. С. Саидов [92], Ш.Т Каримов [26;69;70], З.Ш.Сайидзода [91], Абдуллоҳи Раҳнамо [14] ва ғайраҳобили зикр мебошад. Дар осори онҳо масъалаҳои марбут ба ташаккули давлатдории миллӣ, рушди низоми конститутсионӣ, мақом ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ҳокимияти давлатӣ, таъмини суботи

сиёсӣ, таҳкими қонуният, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва такмили механизми идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ ҳанӯз ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти илмӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст, ки ин зарурати таҳқиқи минбаъдаи онро боз ҳам муҳимтар мегардонад.

Гурӯҳи панҷумро асарҳо, суханрониҳо, паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [56] ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба ташаккул, рушд ва таҳкими давлатдории миллӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ваҳдати миллӣ, амнияти давлатӣ ва рушди устувори ҷомеа инъикоси васеъ ёфтаанд. Дар ин манбаъҳо ниҳоди Президент ҳамчун унсури муҳими низоми сиёсии давлат, омили таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ ва кафили ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, асарҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат ҳамчун манбаи муҳими назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши масъалаҳои марбут ба фаъолияти ниҳоди президентӣ ва нақши он дар раванди давлатсозии навини Тоҷикистон аҳамияти махсус доранд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи диссертатсия аз рӯйи мазмун, мақсад ва вазифаҳои худ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Аз ҷумла, таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқшуда мувофиқат мекунад. Дар баробари ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шуда, ба мавзуи илмии кафедра таҳти унвони «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои даврaҳои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025 мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот маҷмуи ҷанбаҳои бунёдӣ ва унсурҳои сохторию методологии диссертатсияро фаро мегирад. Дар доираи он мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври муназзам ва мантиқан пайгир инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиш ва таҳлили комплексии заминаҳои ташаккул, марҳилаҳои таҳаввул ва самтҳои асосии фаъолияти ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин замина, ниҳоди президентӣ ҳамчун унсури меҳварии низоми сиёсӣ, механизми

муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва ниҳоди кафолатдиҳандаи амнияти миллӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқот робитаи мавзуи диссертатсия бо масъалаҳои мубрами илми сиёсатшиносии муосир, қонуниятҳои ташаккули давлатдории навини Тоҷикистон ва зарурати такмили фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Барои татбиқи мақсади асосии таҳқиқот маҷмуи вазифаҳои аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба ҳам алоқаманд муайян гардидаанд. Вазифаҳои мазкур омӯзиш ва таҳлили назарияҳои классикию муосири ниҳоди президентӣ, таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ ва таърихии ташаккули он, ошкор намудани хусусиятҳои институтсионалию ҳуқуқии ҳокимияти президентӣ, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Президент дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи амнияти давлатиро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, муайян намудани тамоюлҳои асосӣ ва арзёбии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими таҳқиқот муқаррар карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташаккул, марҳилаҳои рушд ва самтҳои фаъолияти ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи марказии низоми сиёсии кишвар, механизми таъмини суботи сиёсӣ ва кафили амнияти миллӣ дар шароити пасоҷангӣ ва равандҳои сиёсии муосири мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

– таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири ниҳоди Президент дар илми сиёсатшиносӣ;

– таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ ва таърихии ташаккули ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор намудани хусусиятҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии ҳокимияти президентӣ дар сохтори низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани нақш ва мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ.

– таҳлили фаъолияти Президент дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳим ва калидии таъмини устувории низоми сиёсии кишвар;

– муайян кардани самтҳо ва тамоюлҳои эҳтимолии рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот - ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимияти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир.

Предмети (мавзуи) таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои фаъолияти он, нақши сиёсӣ ва амниятии Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Ниҳоди Президент дар низоми сиёсии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази ҳукмрони қудрат таҳаввул намуда,

бо роҳи мутамарказ сохтани салоҳиятҳо дар дасти сарвари давлат рушди минбаъдаи низоми ҳокимияти давлатӣ ва ваҳдати миллиро таъмин намудааст. Чунин ҳолат ба таҳкими амният, суботи сиёсӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат кардааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба назарияҳои классикӣ ва муосири давлат ва ҳокимияти сиёсӣ, назарияи тақсими ҳокимият, назарияи иҷроияи қавӣ, консепсияи легитиматсияи сиёсӣ, назарияи элитаҳо, назарияи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ такя мекунанд. Дар таҳқиқот аз дидгоҳҳои назариявии сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва сотсиологияи сиёсӣ истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал:

- ниҳоди президентӣ на танҳо ҳамчун мақоми конститутсионӣ, балки ҳамчун механизми асосии таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи пасоҷангӣ баррасӣ гардидааст.
- модели ташаккули ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон дар робита бо равандҳои сулҳофаринӣ, ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии давлатдорӣ ба таври комплексӣ асоснок шудааст;
- нақши Президент дар институтсионализатсияи низоми сиёсӣ ва гузариш аз буҳрони давлатӣ ба суботи устувор нишон дода шудааст;
- робитаи мутақобилаи ҳокимияти президентӣ бо амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст;
- хусусиятҳои хоси модели президентии Тоҷикистон ҳамчун намунаи рушди ниҳодҳои сиёсӣ дар шароити пасоҷангӣ ва ҷомеаи гузариш илмӣ ҷамъбаст шудаанд;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Исбот карда шудааст, ки дар шароити фалаҷ ва ғайрифаъол гардидани сохторҳои анъанавии идоракунии давлатӣ, беҳокимиятӣ ва парокандагии марказҳои қудрат пас аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1992, интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ ва минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули маркази ягонаи қабули қарорҳои сиёсӣ замина фароҳам овард. Муқаррар карда шудааст, ки мутамарказгардонии ҳокимияти сиёсӣ ба пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва ниҳодҳои дар баробари мақомоти давлатӣ амалкунанда, барқарор намудани назорати Ҳукумати марказӣ дар қаламрави кишвар ва эҳёи низоми давлатдорӣ мусоидат намуд. Аз ин рӯ, ниҳоди Президент дар марҳилаҳои гузариш ва пас аз низоъ дар Тоҷикистон ҳамчун механизми асосии барқарорсозии давлатдорӣ, таъмини сулҳи шаҳрвандӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва устувории низоми сиёсӣ ташаккул ёфт.
2. Муайян карда шудааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи муттаҳидсозии ҷомеа ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои неруҳои сиёсиро иҷро менамояд. Асоснок карда шудааст, ки суботи сиёсӣ ва амнияти миллии

Тоҷикистон бо фаъолияти институтсионалӣ ва роҳбарии стратегии Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи мустақим дошта, таҳкими ҳокимияти президентӣ дар марҳилаи ташаккули давлатдории навин ба пешгирии анархия ва дахолати беруна мусоидат намуд. Ниҳоди Президент дар баробари таъмини устуворii низоми сиёсӣ, барои муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил ва баробарҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ замина фароҳам овард.

3. Асоснок карда шудааст, ки модели президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ҷомеаи пас аз низоъ ва анъанаҳои давлатдории миллиро дар худ таҷассум намуда, шакли хоси рушди ниҳодҳои сиёсиро ба вуҷуд овардааст. Исбот карда шудааст, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои онро Пешвои миллат ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди стратегияи ягонаи давлатӣ муайян менамоянд, ба таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва таъмини амнияти минтақавӣ мусоидат мекунанд. Дар шароити буҳронии марҳилаи ибтидоии истиқлолияти давлатӣ ташаккули ҳокимияти мутамаркази президентӣ на танҳо ҳамчун ҳадафи сиёсӣ, балки ҳамчун воситаи наҷоти миллат, ҳифзи давлатдорӣ ва кафолати мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои сиёсии ҷаҳонӣ баромад намуд.

4. Ошкор карда шудааст, ки дар шароити таҳаввулоти ҷомеаҳо ниҳоди президентӣ метавонад на танҳо унсури идоракунии давлатӣ, балки субъекти фаъоли сулҳофаринӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини рушди устувор бошад. Муқаррар карда шудааст, ки такя ба анъанаҳои давлатдории миллӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои рушди сиёсии ҷомеа ва нақши роҳбарияти сиёсӣ дар марҳилаи ташаккули давлатдории навин боиси ташаккули модели хоси ниҳоди президент дар Тоҷикистон гардид. Дар ин раванд фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳу суботи сиёсӣ ва рушди ниҳодҳои давлатӣ аҳаммияти калидӣ касб намуд. Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки модели идоракунии президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ тавассути иштироки фаъолона дар муносибатҳои байналмилалӣ, пешниҳоди ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаҳои обу иқлим ва саҳмгузорӣ дар низоми амнияти дастаҷамъӣ ба таъмини амният дар фазои фарохи Авруосиё мусоидат менамояд.

Аҳаммияти назариявиу амалии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани илми сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи давлатӣ вобаста ба масъалаи ҳокимияти президентӣ зоҳир мегардад. Аҳамияти амалии он дар истифодаи натиҷаҳо дар раванди такмили сиёсати давлатӣ, таълими фанҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин фаъолияти таҳлилӣ ифода меёбад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз назарияҳои муосири сиёсатшиносӣ, консепсияҳои институтҳои сиёсӣ ва методологияи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ҳокимияти давлатӣ, ниҳоди президентӣ ва рушди низоми сиёсӣ, инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, паёмҳо ва суханронихои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад мавриди истифода қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва системавӣ ба даст омада, равандҳои ташаккул ва рушди ниҳоди президентиро дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир ба таври илмӣ инъикос менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносноma ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ аз руи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили мустақили маводи илмӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди манбаъҳо, таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, инчунин дар асоснок намудани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Суратҷаласаи № 10 аз 27 майи соли 2026) муҳокима шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти он пазирута шудааст. Кори диссертатсионӣ ҳамчун кори илмии анҷомёфта баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ ба шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудааст. Бахшҳои асосии рисола дар мақолаҳои нашршудаи муалиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи рисола, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар бисёре аз конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 5 адад мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, аз ин шумора 3 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 адад дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмию назариявӣ интишор гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 209 саҳифаи матни чопӣ таҳия гардидааст.

ҚИСМҲОИ АОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Боби якуми диссертатсия “**Заминаҳои иҷтимоию сиёсии пайдоиши ниҳоди президент”** унвон гирифта, ба таҳқиқи заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои ташаккули ниҳоди президентӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум **“Президент ҳамчун мафҳуми сиёсӣ: моҳият, хусусиятҳо ва дарки илмии он”** асоси таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҷрибаи давлатдории кишварҳои гуногун муайян гардидааст, ки ниҳоди президентӣ яке аз унсурҳои меҳварии низоми муосири идоракунии давлатӣ буда, нақши

ҳалкунанда дар таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дорад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки мафҳуми «президент» танҳо ба мансаби сарвари давлат маҳдуд набуда, ҳамчун ниҳоди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, ки маҷмӯи ваколатҳои конститутсионӣ, механизмҳои идоракунӣ ва воситаҳои таъмини ягонагии ҳокимияти давлатиро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки дар илми сиёсӣ оид ба моҳияти ниҳоди президентӣ мавқеъҳои гуногун мавҷуданд. Аз ҷумла, О. Н. Гришаева таъкид менамояд, ки "Президент ҳамчун шахси расмии мансабдор муайян карда мешавад, ки дар низоми мақомоти давлатӣ мақоми олиро ишғол намуда, намояндагии олии давлатро ҳам дар ҳаёти сиёсии дохилӣ ва ҳам дар муносибатҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Ба иборае дигар, Президент шахсест, ки мансаби олии давлатиро дар давлати муайян ишғол мекунад" [2, с. 52]. Ин мавқеъ имконият медиҳад, ки Президент на танҳо ҳамчун мансабдори давлатӣ, балки ҳамчун субъекти марказии низоми сиёсӣ арзёбӣ гардад. Ҳамзамон, таҳлили андешаҳои Г. Н. Зокиров нишон медиҳад, ки мазмун ва нақши Президент пеш аз ҳама аз шакли идораи давлатӣ вобаста буда, дар ҷумҳуриҳои президентӣ ӯ субъекти асосии сиёсат маҳсуб меёбад, дар ҳоле ки дар ҷумҳуриҳои парламентӣ нақши ӯ бештар хусусияти намояндагӣ ва ҳамоҳангсозӣ дорад.

Таҳлили таҷрибаи назариявии мактаби амрикоии давлатдорӣ собит намуд, ки ташаккули консепсияи муосири ниҳоди президентӣ пеш аз ҳама ба осори Александр Ҳамилтон, Ҷеймс Мэдисон ва Вудро Вилсон такя мекунад. Александр Ҳамилтон бо асоснок намудани зарурати ҳокимияти иҷроияи қавӣ таъкид кардааст, ки "Энергия дар иҷроия хусусияти асосии ҳукумати хуб мебошад. Иҷроияи нерӯманд шарти зарурӣ барои таъмини амният, иҷрои устувори қонунҳо, ҳимояи молу мулк ва ҳифзи озодиҳо мебошад" [24, с. 423] ва аҳамияти калидии ҳокимияти иҷроияро барои таъмини суботи сиёсӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ инъикос менамояд. Ба хулоса расида мешавад, ки ин назария то имрӯз чун яке аз пояҳои асосии ташаккули низомҳои президентии муосир боқӣ мондааст.

Дар навбати худ, Ҷеймс Мэдисон масъалаи тавозуни ҳокимиятҳоро асоснок намуда, таъкид кардааст, ки «барои пешгирӣ аз сӯистифодаи қудрат худи қудрат бояд муқобили қудрат бошад». Аз ин мавқеъ хулоса бароварда шудааст, ки фаъолияти самараноки Президент танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки ваколатҳои ӯ бо низоми муассири назорат, маҳдудсозӣ ва ҷавобгарии конститутсионӣ мутаносиб гардонида шаванд. Ин принсип имрӯз низ яке аз асосҳои бунёдии давлатдории демократӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили назарияҳои аврупоӣ нишон дод, ки онҳо бештар ба масъалаи легитимият, тавозуни ҳокимият ва мақоми Президент дар низомҳои демократӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, Макс Вебер таъкид мекунад, ки "Раҳбари интихобшуда, ҳатто вақте ки ҳуқуқан амал мекунад, метавонад ҳамчун шахсияти харизматикӣ пазируфта шавад" [25, с. 140], дар ҳоле ки Морис Дюверже Президенти Ҷумҳурии панҷуми Фаронсаро «ҳам унсури рамзӣ ва ҳам маркази воқеии ҳокимияти сиёсӣ» арзёбӣ менамояд. Ин назарияҳо собит месозанд, ки дар таҷрибаи муосири

давлатдорӣ Президент на танҳо субъекти ҳуқуқӣ, балки омили муҳими таъмини ягонагии ҷомеа ва рушди устувори давлат низ мебошад.

Зербоби дуввум **“Марҳилаҳои ташаккул ва рушди таърихии ниҳоди президентӣ”** унвон гирифтааст. Омӯзиш ва таҳлили марҳилаҳои ташаккул ва рушди таърихии ниҳоди президентӣ нишон медиҳанд, ки ин ниҳод натиҷаи таҳаввулоти тӯлонии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ буда, пайдоиши он ба талаботи ҷомеа барои ташкили низоми муассири идоракунии давлатӣ алоқаманд аст. Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ собит месозад, ки истилоҳи «президент» ҳанӯз дар даврaҳои қадим барои ифодаи шахсе истифода мешуд, ки ба фаъолияти маҷлисҳо ва мақомоти намояндагӣ роҳбарӣ мекард. Бо гузашти замон, дар натиҷаи инкишофи давлатдорӣ ва тағйирёбии муносибатҳои сиёсӣ, ин мафҳум мазмуни нави сиёсиву ҳуқуқӣ пайдо намуда, ба унвони сарвари давлат табдил ёфт.

Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки пайдоиши ниҳоди президентӣ пеш аз ҳама ба тағйирёбии шаклҳои идоракунии давлатӣ ва гузариш аз монархияи мутлақ ба шаклҳои ҷумҳуриявии давлатдорӣ вобаста мебошад.

Таҳлили андешаҳои муҳаққиқони муосир нишон дод, ки ташаккули ниҳоди президентӣ пеш аз ҳама ҷавоб ба ниёзҳои ҷомеа барои такмили идоракунии давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, М.У. Хидирзода таъкид мекунад, ки “таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти муосири байналмилалӣ дар масъалаи идоракунӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки марҳилаҳои муайяни рушди ҷомеа метавонанд боиси таъсиси ниҳодҳои нав дар раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, шакли идоракунии давлатро моҳиятан тағйир диҳанд. Эҳтиёҷоти иҷтимоию сиёсӣ, талабот ба дигаргунӣ, нокомилии шакли амалкунандаи идоракунӣ, норозигии омма ва дигар омилҳо метавонанд боиси таҳаввулот дар низоми идоракунӣ гардида, механизмҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаро ба вуҷуд оваранд. Дар ин замина, идоракунии давлатӣ, идоракунии ҷамъиятӣ, ниҳоди идоракунӣ ва шахсият дар сиёсат мафҳумҳое мебошанд, ки барои дарки ҳамаҷонибаи моҳияти раванди идоракунӣ аҳамияти назариявӣ доранд” [18, с. 91. Бо ҷонибдорӣ аз ин мавқеъ метавон хулоса намуд, ки пайдоиши ниҳоди президентӣ натиҷаи мантиқии рушди ҷомеа, зарурати баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти давлатӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави роҳбарии сиёсӣ мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки нуқтаи гардиши асосии рушди ниҳоди президентӣ қабули Конститутсияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар соли 1787 мебошад. Маҳз дар ҳамин санад бори аввал ваколатҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар доираи як мансаб муттаҳид гардида, модели классикии ҷумҳурияи президентӣ ташаккул ёфт. Ҳамзамон, таҳиягарони Конститутсия барои пешгирии тамаркузи аз ҳад зиёди ҳокимият низоми «боздорӣ ва мувозинат» - ро ҷорӣ намуданд, ки то имрӯз яке аз пояҳои асосии давлатдории демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин замина Н.А. Сахаров таъкид менамояд, ки “Бо мақсади пешгирӣ аз табдил ёфтани ҳокимияти мутамаркази иҷроияи Президент ба шакли ҳокимияти шахсӣ, диктатура ва беҷазоии ҳуқуқӣ падарони муассис дар Конститутсия принсипи маъруфи тақсимоти ҳокимияти давлатиро ба се

шохаи мустақил: қонунгузор, иҷроия ва судӣ мустаҳқам намуданд” [16, с. 5].

Таҳлил нишон дод, ки баъдан модели президентии амрикоӣ ба давлатҳои Амрикои Лотин ва як қатор кишварҳои Аврупо таъсири назаррас расонд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи Фаронса исбот намуд, ки интиқоли механикии модели президентӣ бе назардошти хусусиятҳои миллӣ на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Дар Ҷумҳурии дуюми Фаронса мутамарказ гардидани салоҳиятҳои васеъ дар дасти Президенти давлат дар ниҳоят ба буҳрони конститутсионӣ ва барқарор гардидани шакли императории идоракунӣ оварда расонд. Аз ин рӯ, таҳқиқ собит менамояд, ки самаранокии ниҳоди президентӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои ҳуқуқии он, балки аз мавҷудияти низоми муассири назорат, тавозуни ҳокимият ва сатҳи рушди фарҳанги сиёсӣ вобаста мебошад.

Дар асри ХХ раванди густариши ниҳоди президентӣ хусусияти ҷаҳонӣ касб намуд. Пас аз Ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон, инчунин дар натиҷаи фурӯпошии империяҳо ва низоми мустамликавӣ, бисёр давлатҳои навтаъсис мансаби Президентро ҳамчун ниҳоди марказии ҳокимияти давлатӣ қабул карданд. Дар солҳои 1980–1990 бошад, марҳилаи нави рушди ин ниҳод бо ислоҳоти сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсиси мансаби Президенти ИҶШС оғоз гардид. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки таъсиси ин мансаб ба буҳрони низоми сиёсӣ, зарурати таҳкими ҳокимияти иҷроия ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобастагӣ дошт.

Таҳқиқ инчунин нишон дод, ки дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ташаккули ниҳоди президентӣ хусусияти хоси худро дошт. В.М. Котсов менависад, ки “Барои ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ниҳоди президентӣ падидаи чандон шинохташуда набуд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медод, ки чунин мансаб дар давлатҳои дорои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ вуҷуд дошта, дар он Президент вазифаи сарвари ҳокимияти иҷроияро иҷро менамояд. Дар сурати интихоб гардидани Президент тавассути раъйпурсии умумихалқӣ ӯро метавон ҳамчун пешвои миллат арзёбӣ кард” [4, с. 420], аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ зарурати мавҷудияти чунин мансабро дар шароити ташаккули давлатдории нав исбот менамуд. Ба андешаи ӯ, интихоби умумии Президент ӯро ба пешвои миллат табдил дода метавонад, аммо ин маънои мутамарказ гардидани мутлақи ҳокимиятро надорад. Ин мавқеъ барои арзёбии таҷрибаи ташаккули давлатдории нав дар фазои пасошуравӣ аҳамияти назариявии муҳим дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули ниҳоди Президент бевосита бо раванди соҳибистиқлол гардидани давлат алоқаманд мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 1991 заминаи ҳуқуқии таъсиси ин ниҳодро фароҳам оварда, мақоми Президентро ҳамчун шахси олии мансабдори давлатӣ ва сарвари ҳокимияти иҷроия муайян намуд. Дар идома Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Президентро мустаҳкам сохта, ӯро ҳамчун кафили Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ягонагии давлат ва фаъолияти муназзами мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд. Ба андешаи М.У. Хидирзода, **“**Ниёзи иҷтимоӣ дар шароити

рушди равандҳои сиёсӣ боз ҳам бештар мегардад, зеро дар чунин вазъият нигоҳ доштани субот ва тавозун дар муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа аҳамияти калидӣ касб мекунад. Ба иборaи дигар, ҷомеа ба рушди босубот эҳтиёҷ пайдо мекунад. Чунин вазъият ҷомеаро водор месозад, ки ба шахсияте такя намояд, ки тавонад ин арзишҳоро ҳифз ва таҳким бахшад. Ниёзи иҷтимоӣ дар шароити рушди равандҳои сиёсӣ боз ҳам бештар мегардад, зеро дар чунин вазъият нигоҳ доштани субот ва тавозун дар муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа аҳамияти калидӣ касб мекунад. Ба иборaи дигар, ҷомеа ба рушди босубот эҳтиёҷ пайдо мекунад. Чунин вазъият ҷомеаро водор месозад, ки ба шахсияте такя намояд, ки тавонад ин арзишҳоро ҳифз ва таҳким бахшад**”** [18, с. 12], ки ин андеша аҳамияти ниҳоди президентиро дар шароити ташаккули давлатдории миллӣ асоснок месозад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки ниҳоди президентӣ дар тӯли зиёда аз ду аср роҳи мураккаби таҳаввулоти сиёсиву ҳуқуқиро тай намуда, аз шакли ибтидоии роҳбарии мақомоти намояндагӣ то ба яке аз ниҳодҳои асосии давлатдории муосир расидааст. Таҷрибаи давлатҳои гуногун собит менамояд, ки шакл ва мазмуни фаъолияти Президент ҳамеша аз хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва конститутсионии ҳар як давлат вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташаккул ва рушди ниҳоди президентӣ ҳамчун натиҷаи мантиқии таҳаввули давлатдории миллӣ ва ҷавоб ба талаботи ҷомеа барои таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва рушди устувори кишвар арзёбӣ мегардад.

Зербоби сеюм **“Низоми идоракунии президентӣ: моҳият, хусусиятҳо ва типологияи он”** ном гирифтааст. Низоми идоракунии президентӣ яке аз шаклҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ буда, бо тарзи ташаккули мақомоти олии давлатӣ, тақсимоти ваколатҳо ва низоми ҳамкории байни онҳо муайян мегардад. Таҳқиқот нишон дод, ки моҳияти ин шакли идоракунӣ танҳо ба мақоми Президенти давлат маҳдуд нашуда, маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва институтсионалиро дар бар мегирад, ки фаъолияти самараноки тамоми механизми давлатиро таъмин менамоянд. Дар ин замина, шакли ҳокимияти давлатӣ ҳамчун низоми ташкили мақомоти олии ҳокимият ва тартиби амалисозии ваколатҳои онҳо арзёбӣ гардида, маҳз хусусияти муносибатҳои байни мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мазмуну муҳтавои онро муайян месозад. Аз ин рӯ, таҳлили низоми идоракунии президентӣ танҳо тавассути омӯзиши мақоми Президент маҳдуд намегардад, балки муносибатҳои байни тамоми мақомоти олии давлатӣ, тартиби ташаккули онҳо ва механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро низ дар бар мегирад. Дар ин маврид Р.С. Мартинюк таъкид менамояд, ки “Ба ҳайати унсурҳои асосии шакли ҳокимият, пеш аз ҳама, роҳҳо ва усулҳои таъсис ва ташаккули мақомоти олии давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти онҳо, шаклҳои ҳамкории оналии байни онҳо, инчунин тартиби дақиқи тақсими салоҳиятҳо ва масъулияти муштараки онҳо дар доираи низоми ягонаи давлатӣ дохил мегарданд” [10, с. 64].

Дар асоси таҳқиқ муайян гардид, ки низоми президентӣ пеш аз ҳама бо мустақилияти ҳокимияти иҷроия, мавҷудияти Президенти аз ҷониби халқ интихобшуда ва татбиқи пайгиронаи принсипи ҷудоии ҳокимият тавсиф мешавад. Б.А. Мухамеджанов менависад, ки “Идеяи ҳокимияти президентӣ дар тӯли садсолаҳои рушди худ дар зиёда аз сад давлати ҷаҳон шаклҳои гуногуни татбиқро пайдо намудааст… Бидуни омӯзиши ниҳоди сарвари давлат анҷом додани таҳқиқоти ҷиддӣ оид ба низоми ҳокимияти давлатӣ ва сиёсии ҳар як кишвар ғайриимкон мебошад» [13, с. 40]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки ҳокимияти президентӣ на танҳо маҷмӯи ваколатҳои сарвари давлат, балки унсури муайянкунандаи тамоми низоми идоракунии давлатӣ мебошад. Ҳамзамон, Р.С. Мартинюк қайд мекунад: “Ҷумҳурии президентӣ ҳамчун яке аз нахустин шаклҳои классикии идораи ҷумҳуриявӣ дар раванди рушди таърихии давлатдорӣ ташаккул ёфтааст. Аломатҳои хоси он, пеш аз ҳама, дар легитиматсияи ҳокимияти сарвари давлат тавассути интихоботи мустақим ё ғайримустақим, инчунин дар муттаҳид гардидани мақоми сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар шахсияти президент ифода меёбанд” [13, с. 63]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ муҳимтарин хусусиятҳои модели президентиро ифода менамояд, зеро маҳз манбаи мустақили легитимият ва муттаҳид гардидани роҳбарии давлат ва ҳокимияти иҷроия дар шахсияти Президент онро аз дигар шаклҳои идоракунӣ фарқ менамояд.

Таҳлил нишон дод, ки дар модели классикии ҷумҳурияти президентӣ принсипи ҷудоии ҳокимият мавқеи меҳварӣ дорад. Ин принсип, ки аз ҷониби Шарл-Луи Монтескье асоснок гардидааст, мустақилияти шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судиро таъмин намуда, барои пешгирии мутамарказшавии ҳокимият замина фароҳам меорад. Дар аксари ҷумҳуриҳои президентӣ Президент ҳамзамон сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати давлатро роҳбарӣ менамояд, ҳайати ҳукуматро ташаккул медиҳад ва барои фаъолияти он масъулияти сиёсӣ дорад. Дар айни замон, парламент ҳуқуқи бо сабабҳои сиёсӣ ба истеъфо фиристодани ҳукуматро надорад ва Президент низ, чун қоидаи умумӣ, имкони пароканда намудани парламентро соҳиб нест. Маҳз ҳамин мувозинат яке аз нишонаҳои асосии шакли президентии идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина Б.А. Майлибаев таъкид мекунад, ки “Ҳокимияти президентӣ барои ташкил ва ба роҳ мондани низоми мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маъмурию сиёсӣ, инчунин барои иҷрои вазифаҳои созанда, ҳамгиросоз ва муҳофизатӣ зарур мебошад” [9, с. 44]. Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки ниҳоди президентӣ дар давлатҳои муосир танҳо воситаи амалисозии ваколатҳои сарвари давлат набуда, балки механизми таъмини суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ низ мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки низоми идоракунии президентӣ шакли мураккаби ташкили ҳокимияти давлатӣ буда, моҳияти он дар мавҷудияти сарвари давлате ифода меёбад, ки дорои манбаи мустақили легитимият буда, дар доираи Конститутсия фаъолияти

ҳокимияти иҷроияро роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад. Муайян гардид, ки хусусиятҳои асосии ин низом мустақилияти нисбии ҳокимияти иҷроия аз парламент, татбиқи принсипи ҷудоӣ ва мувозинати ҳокимият, инчунин масъулияти конститутсионии Президент барои таъмини фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ мебошанд. Таҳлили таҷрибаи конститутсионии давлатҳои гуногун собит намуд, ки модели классикии ҷумҳурии президентӣ дар амал вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як давлат шаклҳои гуногуни татбиқро соҳиб гардидааст. Аз ин рӯ, самаранокии низоми идоракунии президентӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои Президенти давлат, балки аз сатҳи рушди институтҳои демократӣ, мустақилияти мақомоти давлатӣ, амалишавии принсипи боздорӣ ва мувозинат ва фарҳанги сиёсии ҷомеа вобастагии мустақим дорад. Дар ин асос хулоса карда мешавад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон модели президентии идоракунӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои давлатдории миллӣ ва талаботи рушди устувори сиёсӣ, ҳамчун механизми муассири таъмини суботи конститутсионӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Боби дуввуми рисола **“Ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном гирифтааст. Т**аҳқиқот нишон дод, ки ташаккули ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи мантиқии раванди бунёди давлатдории миллӣ ва зарурати таҳкими ҳокимияти давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ мебошад. Бо вуҷуди он, ки ин ниҳод таърихи тӯлонии амал надорад, рушди он бо марҳилаҳои асосии ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дошта, таҳти таъсири омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ такмил ёфтааст. Зербоби якуми боби дуввум “**Заминаҳои сиёсии пайдоиш ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” ном дошта, муайян гардид, ки таъсиси мансаби Президент пеш аз ҳама ба зарурати баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти иҷроия, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини иҷрои қонунҳо ва таҳкими суботи сиёсӣ вобаста буд. Маҳз тавассути таъсиси ин ниҳод барои ташкили низоми мутамаркази идоракунии давлатӣ ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ заминаи воқеӣ фароҳам гардид.

Асоси сиёсию ҳуқуқии ташаккули ниҳоди Президент бо қабули Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 29 ноябри соли 1990 гузошта шуд. Ин санадҳо оғози ташаккули шакли нави идоракунии давлатиро ифода намуда, барои ҷорӣ гардидани ниҳоди Президент заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварданд. Дар ин замина Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки **“**Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимият ба роҳ монда мешавад” [5, м.9], ки ин меъёр асоси конститутсионии фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро муайян менамояд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки марҳилаи аввали фаъолияти ниҳоди Президент ба шароити ниҳоят мураккаби сиёсии солҳои аввали истиқлол

рост омадааст. Дар ин давра механизми фаъолияти ҳокимияти президентӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфта, муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ дар марҳилаи ташаккул қарор доштанд. Вазъи мураккаби сиёсӣ ва оғози муқовиматҳои дохилӣ ба фаъолияти устувори ин ниҳод таъсири манфӣ расонида, дар натиҷа бо қарори Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ фаъолияти он муваққатан қатъ гардид. Аммо таҳқиқ нишон медиҳад, ки ин иқдом хусусияти муваққатӣ дошта, ба бознигарии модели идоракунии давлатӣ ва таҳияи асосҳои нави конститутсионӣ равона гардида буд.

Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи сарнавиштсози ташаккули давлатдории навин ва рушди минбаъдаи ниҳоди Президент аҳамияти истисноӣ дорад. Маҳз дар ҳамин иҷлосия асосҳои барқарорсозии ҳокимияти давлатӣ, таъмини сулҳу субот ва ташаккули низоми нави идоракунии давлатӣ гузошта шуданд. Қабули шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули роҳбарияти нави сиёсӣ ва муайян гардидани самтҳои минбаъдаи рушди давлатдорӣ нишон доданд, ки иҷлосияи мазкур на танҳо буҳрони сиёсиро бартараф намуд, балки барои бунёди давлати соҳибихтиёр ва ҳуқуқбунёд низ заминаи устувор фароҳам овард. Дар ҳамин хусус муҳаққиқ А. Саидов таъкид менамояд, ки “Маҳз дар пайи ин иҷлосия ва иқдомҳои он арзишҳое ба монанди давлатдории ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, истиқлолияти қонунгузорӣ, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, иқтисоди бозорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, парламентаризм, худидораи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар низоми шуравӣ мавҷуд набуданд, оғоз ба ташаккул намуданд” [15, с. 17]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ аҳамияти таърихии иҷлосияро ҳамчун оғози марҳилаи нави рушди давлатдорӣ ва ташаккули низоми муосири сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра инъикос менамояд.

Марҳилаи дуюми рушди ниҳоди Президент бо таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 оғоз гардид. Таҳлил нишон дод, ки ҳангоми таҳияи Қонуни асосӣ ду модели шакли идоракунии парламентӣ ва президентӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи сиёсӣ ва талаботи рушди давлатдорӣ модели президентӣ интихоб гардид. Ҳамзамон бо қабули Конститутсия интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, фаъолияти ниҳоди Президент дубора барқарор гардид.

Баъд аз қабули Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон модели интихоботи мустақими умумихалқии Президентро қабул намуд, ки ин яке аз аломатҳои муҳими ҷумҳуриҳои президентӣ ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 65 Конститутсия муқаррар шудааст, ки “Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд” [5, м.65]. Ин муқаррарот нишон медиҳад, ки Президент манбаи мустақили легитимият дошта, ваколатҳои худро бевосита аз иродаи халқ ба даст меорад.

Таҳқиқот инчунин нишон дод, ки дар шароити давлатдории муосири Тоҷикистон ниҳоди Президент ба унвони унсури марказии низоми сиёсӣ ташаккул ёфта, дар таъмини фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти давлатӣ,

ҳифзи соҳибистиқлолӣ, таҳкими сохтори конститутсионӣ ва рушди устувори кишвар нақши меҳварӣ дорад. Ба ҳамин мазмун дар адабиёти илмӣ таъкид шудааст, ки **“**Маҳз тавассути фаъолияти самаранок ва мақсадноки ин мансаб ягонагӣ ва тамомияти арзии кишвар ҳифз гардида, пойдорӣ ва устувории давлат таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти мақомоти давлатӣ дар асоси қонун ба роҳ монда шуда, ҳамкории созанда ва ҳамоҳангии онҳо таҳким меёбад, инчунин иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таъмин ва тақвият дода мешавад” [20, с. 74-75]. Ин арзёбӣ нишон медиҳад, ки дар шароити кунунӣ ниҳоди Президент аз доираи роҳбарии ҳокимияти иҷроия фаротар рафта, ба яке аз кафолатҳои асосии суботи сиёсӣ, рушди давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии президентӣ ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардид. Такмили пайдарпайи заминаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки ин ниҳод ба унсури марказии низоми давлатдорӣ табдил ёфта, фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори кишварро таъмин намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия солҳои 1999, 2003 ва 2016 тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки бевосита ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки ин тағйирот ба такмили мақоми ҳуқуқии Президент ва мутобиқ намудани низоми идоракунии давлатӣ ба талаботи рушди ҷомеа ва давлат мусоидат намуданд. Дар ин замина таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки ташаккули ниҳоди Президент раванди муттасил буда, бо рушди давлатдорӣ ва такмили институтҳои конститутсионӣ робитаи мустақим дорад.

Таҳқиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва кафили Конститутсия мавқеи муайянкунанда дар механизми ҳокимияти давлатӣ дорад. Дар моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки “Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, кафили Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдории давлат, фаъолияти муназзам ва ҳамоҳанги мақомоти давлатӣ, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад” [5, с. 64]. Ин меъёри конститутсионӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти Президент танҳо бо роҳбарии ҳокимияти иҷроия маҳдуд нашуда, фарогири вазифаҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва кафолатии давлат мебошад.

Дар ҷараёни таҳлил муайян гардид, ки ташаккули ниҳоди Президент дар Тоҷикистон аз таҷрибаи давлатҳои дигар нусхабардорӣ нашуда, бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлат амалӣ гардидааст. Маҳз шароити мураккаби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, буҳрони сиёсӣ ва зарурати ҳифзи давлатдорӣ талаб менамуданд, ки дар кишвар низоми устувори роҳбарии сиёсӣ ташаккул дода шавад. Аз ин рӯ,

интихоби шакли идоракунии президентӣ ҳамчун ҷавоби ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба воқеияти ҳамон давра арзёбӣ мегардад. Интихоби мазкур барои мутамарказ намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини иҷрои қарорҳои давлатӣ ва таҳкими низоми идоракунии кишвар аҳамияти калидӣ дошт.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ собит менамоянд, ки ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад: марҳилаи аввал ба таъсиси ин ниҳод дар солҳои аввали истиқлолият ва марҳилаи дуюм ба эҳёи он дар асоси Конститутсияи соли 1994 ва рушди минбаъдаи он алоқаманд мебошад. Таҷрибаи беш аз сисолаи давлатдории соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент тадриҷан ба яке аз рукнҳои асосии низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар табдил ёфта, дар таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини суботи сиёсӣ, рушди низоми конститутсионӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва татбиқи сиёсати дохилию хориҷии давлат нақши ҳалкунанда дорад. Дар ин асос метавон хулоса намуд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии президентӣ ҷавобгӯи хусусиятҳои таърихӣ ва сиёсии рушди давлат буда, ҳамчун воситаи муассири таъмини фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти давлатӣ ва рушди устувори ҷомеа аҳамияти калидӣ касб намудааст.

Зербоби дуввуми боби дувум таҳти унвони **“Мақом ва ҷойгоҳи ниҳоди Президент дар низоми тақсимоти ҳокимияти сиёсии Тоҷикистони муосир”** омода шудааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар шароити давлатдории муосир ҳокимияти сиёсӣ асоси ташаккул ва фаъолияти низоми сиёсӣ буда, тавассути он самтҳои асосии рушди ҷомеа, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муносибатҳои байни давлату ҷомеа муайян мегарданд. Дар чунин низом ниҳоди Президент ҳамчун яке аз унсурҳои калидии ҳокимияти сиёсӣ баромад намуда, дар таъмини устуворӣ сохтори давлатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ нақши меҳварӣ дорад. Аз ин рӯ, мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо салоҳиятҳои ҳуқуқии ӯ маҳдуд нашуда, ҳамчун маркази муттаҳидкунандаи иродаи сиёсӣ, кафили суботи сиёсӣ ва таъминкунандаи фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ арзёбӣ мегардад. Таҳқиқ собит намуд, ки “ин ниҳод дар раванди ташаккул, устуворсозӣ ва рушди низоми сиёсии кишвар таъсири назаррас дошта, дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ вазифаи таъмини субот, муттаҳидсозии ҷомеа ва нигоҳдории пайдарҳамии сиёсати давлатиро иҷро менамояд. Бинобар ин, омӯзиши ниҳоди Президент дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир барои дарки хусусиятҳои давлатдории миллӣ ва равандҳои сиёсии кишвар аҳаммияти махсус дорад” [12, с. 256].

Дар рафти таҳқиқ муайян гардид, ки ҷойгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми тақсимоти ҳокимият аз хусусияти модели конститутсионии давлат бармеояд. Президент ҳамчун сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳбарӣ намуда, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро муайян мекунад. Маҳз тавассути ин ниҳод фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳамоҳанг гардида, татбиқи қонунҳо,

фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумат таъмин карда мешавад. Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо роҳбари ҳокимияти иҷроия, балки омили асосии таъмини фаъолияти муназзам ва ҳамоҳанги тамоми механизми давлатӣ мебошад.

Рушди мақоми конститутсионии Президент бо такмили пайдарпайи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Тағйиру иловаҳои солҳои 1999 ва 2003 доираи ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро васеъ намуда, имкониятҳои ӯро дар самти идоракунии давлатӣ, таъини роҳбарони мақомоти давлатӣ, намояндагони дипломатӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ густариш доданд. Ҳамзамон, Президент ҳуқуқи таъини раъйпурсӣ ва интихоботи мақомоти намояндагиро соҳиб гардида, имконияти интихоб шудан ба ду муҳлати пайдарпайи ҳафтсола низ дар Конститутсия муқаррар карда шуд. Ин тағйирот аз зарурати мутобиқ намудани низоми идоракунии давлатӣ ба талаботи рушди ҷомеа ва давлат бармеомад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки бо вуҷуди мавқеи марказии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми давлатӣ фаъолияти ӯ бояд дар доираи принсипи тақсияи ҳокимият ва ҳамкории мутақобилаи шохаҳои ҳокимият амалӣ гардад. Моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки **“**Президент ҳамчун ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, устуворӣ ва давомнокии давлат, инчунин таъминкунандаи фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, ҳамзамон кафили иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд” [5, м.64]. Аз таҳлили ин меъёр бармеояд, ки Президент ба ягон шохаи алоҳидаи ҳокимият мансуб набуда, ҳамчун кафили фаъолияти мутаносиби ҳамаи мақомоти давлатӣ амал мекунад. Маҳз ҳамин хусусият мақоми ӯро дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Таҷрибаи солҳои Истиқлолият самаранокии модели амалкунандаи идоракунии президентиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст. Ин модел имконият дод, ки дар марҳилаи гузариш буҳронҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бартараф гардида, сохтори ягонаи давлатӣ ҳифз шавад, сулҳу ваҳдати миллӣ таҳким ёбад ва заминаҳои ҳуқуқиву ташкилӣ барои рушди минбаъдаи давлат фароҳам оварда шаванд. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати давлатӣ рушди иқтисодӣ таъмин гардида, инфрасохтори муҳими миллӣ, аз ҷумла неругоҳҳои барқи обӣ, роҳҳо, нақбҳо, пулҳо ва дигар иншооти стратегӣ бунёд гардиданд, ки барои рушди устувори кишвар аҳамияти калидӣ доранд. Аз ин рӯ, таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар шароити мураккаби рушди сиёсӣ ба омили муҳими нигоҳдории суботи сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ табдил ёфтааст.

Самаранокии фаъолияти ниҳоди Президент на танҳо аз доираи ваколатҳои конститутсионии он, балки аз сатҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ дорад. Гарчанде Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти

иҷроия мебошад, мақоми ӯ дар амал танҳо ба роҳбарии мақомоти иҷроия маҳдуд намешавад. Президент ҳамчун кафили фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ барои таъмини ҳамкории байни ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба устувории низоми сиёсӣ ва ҳифзи принсипи тақсияи ҳокимият мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи Президент дар механизми давлатӣ бояд пеш аз ҳама ҳамчун унсури ҳамоҳангсоз арзёбӣ гардад, на ҳамчун мақоме, ки болотар аз дигар шохаҳои ҳокимият қарор дорад. Ин мавқеъ ба талаботи давлатдории демократӣ ва тақрибаи давлатҳои муосир ҷавобгӯ мебошад.

Тақрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ самаранокии модели президентии идоракунии давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст. Ин модел дар шароити буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои аввали истиқлолият барои ҳифзи давлатдорӣ, барқарор намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ заминаи воқеӣ фароҳам овард. Минбаъд дар асоси фаъолияти ин ниҳод барои таҳкими сохторҳои давлатӣ, рушди институтҳои демократӣ ва такмили низоми ҳуқуқӣ шароити мусоид ба вуҷуд омад. Ҳамзамон, татбиқи барномаҳои стратегии давлатӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо фаъолияти муассири ниҳоди Президент алоқаманд арзёбӣ мегардад.

Дар давраи истиқлолият ҳамкории байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти қонунгузор ба марҳилаи нави рушд расидааст. Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва қабули қонунҳое, ки ба рушди давлатдорӣ, ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона гардидаанд, нақши фаъол иҷро намудааст. Ин раванд ба таҳкими ҳамкории байни шохаҳои қонунгузор ва иҷроия мусоидат намуда, барои татбиқи босамари сиёсати давлатӣ ва барномаҳои стратегии миллӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Дар баробари ин, тақрибаи амалии солҳои истиқлолият нишон медиҳад, ки рушди устувори муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ дар асоси эҳтироми мутақобилаи салоҳиятҳо ва риояи талаботи Конститутсия сурат гирифтааст.

Дар заминаи таҳлили тақрибаи хориҷӣ ва амалияи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба хулоса омад, ки дар низоми президентӣ ҷойгоҳи сарвари давлат бо ҳаҷми ваколатҳои ӯ муайян намегардад, балки пеш аз ҳама бо қобилияти таъмини фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ мешавад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, барои фаъолияти муназзам ва самараноки механизми давлатӣ Президент бояд бо ҳамаи сохторҳои ҳокимияти давлатӣ муносибатҳои ҳамоҳанг ва мутавозин дошта бошад. Маҳз чунин муносибат имкон медиҳад, ки принсипи тақсияи ҳокимият бо принсипи ягонагии сиёсати давлатӣ дар ҳамоҳангӣ татбиқ гардад.

Тақрибаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин нишон дод, ки ниҳоди Президент дар раванди таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда иҷро намудааст. Дар натиҷаи фаъолияти ин ниҳод барои рафъи

паёмадҳои низои дохилӣ, бозгардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, таҳкими сохтори давлатӣ ва татбиқи барномаҳои стратегии миллӣ заминаҳои устувор фароҳам оварда шуданд. Ҳамзамон, рушди инфрасохтори энергетикӣ ва коммуникатсионӣ, бунёди роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва густариши имкониятҳои иқтисодии кишвар аз ҷумлаи натиҷаҳои муҳими сиёсати давлатии даврои истиқлолият ба ҳисоб мераванд, ки дар таҳкими давлатдорӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас доранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ собит менамоянд, ки дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Президент ҳамчун меҳвари асосии ҳокимияти сиёсӣ ва яке аз институтҳои муҳими давлатдорӣ ташаккул ёфтааст. Мақоми конститутсионии Президент танҳо бо роҳбарии ҳокимияти иҷроия маҳдуд нашуда, ӯ ҳамчун “кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, устуворӣ ва давомнокии давлат, инчунин таъминкунандаи фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо” [5, м.4] баромад менамояд. Аз ин рӯ, самаранокии фаъолияти ниҳоди Президент пеш аз ҳама аз риояи принсипи тақзияи ҳокимият, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими робитаи давлат бо ҷомеа ва мутобиқ намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ба манфиатҳои миллӣ вобаста мебошад. Модели амалкунандаи идоракунии президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ ва сиёсии рушди давлат, ҳамчун шакли муассири ташкили ҳокимияти давлатӣ барои таъмини суботи сиёсӣ, рушди давлатдорӣ ва ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Зимни омӯзиши зербоби севвуми боби дуввум, ки **“Инъикоси конститутсионии фаъолияти Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** унвон дорад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такмили пайдарпайи заминаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти он робитаи мустақим дорад. Маҳз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқии Президент, тартиби интихоб, муҳлати ваколатҳо, салоҳиятҳо, кафолатҳои фаъолияти ӯ ва муносибаташро бо дигар мақомоти давлатӣ муайян намуда, асоси ҳуқуқии фаъолияти ин ниҳодро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, инъикоси конститутсионии фаъолияти Президент яке аз омилҳои асосии таъмини устувории низоми идоракунии давлатӣ ва татбиқи принсипи волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дода шудааст. Боби чоруми Қонуни асосӣ пурра ба ин ниҳод бахшида шуда, дар он асосҳои конститутсионии мақоми Президент, тартиби интихоб, муҳлати ваколатҳо, талабот нисбат ба номзадҳо, тартиби адои савганд, доираи салоҳиятҳо, маҳдудиятҳо ва асосҳои қатъ гардидани ваколатҳои ӯ ба таври муфассал танзим гардидаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузори миллӣ ниҳоди Президентро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии низоми конститутсионии давлат арзёбӣ намудааст.

Дар рафти таҳқиқ муайян гардид, ки тартиби интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар Конститутсия, балки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ муфассал ба танзим дароварда шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳими ин қонун талаботи ҷамъоварии имзои шаҳрвандон ба ҷонибдории номзад мебошад. Дар моддаи 65 Конститутсия муқаррар шудааст, ки "Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд" [5, м.5]. Ҳамзамон, моддаи 24 Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ менамояд, ки "Номзади ба мансаби Президент пешбаришуда бояд аз тарафи панҷ фоизи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи интихобот доранд, тарафдорӣ карда шавад" [5, м.24]. Чунин талабот дар амалияи бисёр кишварҳои ҷаҳон низ мавҷуд буда, ҳарчанд андозаи он гуногун мебошад, ҳадафи асосии он таъмин намудани иштироки воқеан ҷиддии номзадҳо дар маъракаи интихоботӣ мебошад.

Конститутсия талаботи мушаххасро нисбат ба эътиборнокии интихоботи президентӣ муқаррар намудааст. Мутобиқи моддаи 66, "интихоботи Президент вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд. Номзаде Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобшуда эътироф мегардад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи шумораи умумии интихобкунандагоне, ки дар интихобот иштирок намудаанд, овоз дода бошанд" [5, м.66]. Таҳлили натиҷаҳои интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои иштироки интихобкунандагон ва натиҷаҳои овоздиҳӣ ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мутобиқат дошта, қонунияти ташаккули ҳокимияти президентиро таъмин намудаанд.

Дар ҷараёни таҳлил муайян гардид, ки Конститутсия на танҳо тартиби интихоб, балки масъалаҳои марбут ба оғоз ва қатъ гардидани ваколатҳои Президентро низ ба таври дақиқ танзим намудааст. Президенти навинтихобшуда пеш аз оғози иҷрои ваколатҳои худ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад ва аз ҳамин лаҳза ваколатҳои Президенти пешина қатъ мегарданд. Ҳамзамон, моддаи 71 Конститутсия муқаррар менамояд: "Дар ҳолати вафот, истеъфо ё ғайри қобили амал донистани Президент, иҷрои ваколатҳои ӯ то оғози фаъолияти Президенти нав ба зиммаи Раиси Маҷлиси миллӣ вогузор карда мешавад" [5, м.71]. Ба андешаи мо, чунин тартиб барои таъмини пайдарҳамии ҳокимияти давлатӣ ва пешгирии холигии ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқи салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки онҳо дар моддаи 69 Конститутсия ба таври муфассал муайян гардидаанд. Мувофиқи ин меъёр Президент "самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад; Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад; Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро таъин ва озод менамояд; вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад; раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳоро таъин ва озод менамояд; санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми

мухолифат ба Конститутсия ва қонунҳо бекор ё бозмедорад; номзадии роҳбарони мақомоти олии судиро барои интихоб ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд” [5, м.69]. Доираи мазкур ба салоҳиятҳои сарварони давлат дар аксари ҷумҳуриҳои президентӣ ва нимпрезидентӣ мувофиқат намуда, аз мақоми калидии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми ҳокимияти давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Доираи ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо мақоми ӯро ҳамчун сарвари давлат муайян мекунад, балки ҷойгоҳи марказии ӯро дар механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ низ инъикос менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян намуда, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад, сохтори мақомоти идоракунии давлатиро такмил медиҳад ва дар таъмини ҳамкории самараноки ҳамаи шохаҳои ҳокимият нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, меъёрҳои Конститутсия фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун низоми ягонаи салоҳиятҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ танзим намуда, барои татбиқи вазифаҳои стратегии давлат заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам меоранд.

Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳокимияти иҷроия тавассути низоми мукаммали ваколатҳои конститутсионӣ амалӣ мегардад. Ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия ӯ сиёсати давлатро роҳбарӣ намуда, фаъолияти Ҳукумат ва мақомоти марказию маҳаллиро ҳамоҳанг месозад. Дар ин замина аҳамияти махсусро Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ касб менамоянд. Паём ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ ва стратегӣ вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро арзёбӣ намуда, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва афзалиятҳои рушди минбаъдаи ҷомеаро муайян месозад. Ба ҳамин хотир, Паёми Президент дар амал яке аз воситаҳои муҳими ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва муттаҳидсозии иқтидори ҷомеа барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб меравад.

Асоси устувории давлатдорӣ ба иштироки фаъоли ҷомеа дар татбиқи сиёсати давлатӣ вобастагии мустақим дорад. Дар ҳамин замина Пешвои миллат таъкид намудаанд, ки “Бунёди давлати тоҷикон танҳо вазифаи Президенти кишвар, Ҳукумат ва Маҷлиси Олӣ нест, балки он пеш аз ҳама рисолати муҳими тамоми ҷомеа мебошад” [14]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ мазмуни конститутсионии фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро васеъ намуда, нишон медиҳад, ки рушди давлатдорӣ танҳо дар заминаи ҳамкории мақомоти давлатӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандон таъмин карда мешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқ инчунин муайян гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ робитаи мустақими конститутсионӣ дорад. Фаъолияти ӯ на танҳо ба ҳокимияти иҷроия, балки ба мақомоти қонунгузор ва судӣ низ алоқаманд мебошад. Маҳз тавассути чунин низоми муносибатҳои мутақобила фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ таъмин гардида, принсипи тақзияи ҳокимият

бо принсипи ягонагии сиёсати давлатӣ дар ҳамоҳангӣ татбиқ мегардад. Дар ин замина таҷрибаи байналмилалӣ низ аҳамияти назаррас дорад. Аз ҷумла, дар Конститутсияи Юнон муқаррар шудааст, ки “Президент якҷоя бо Парламент фаъолияти қонунгузориро, якҷоя бо Ҳукумат ҳокимияти иҷроияро амалӣ намуда, ҳамчун танзимгари асосии сохтори давлатӣ баромад мекунад” [6]. Ин меъёр нишон медиҳад, ки дар амалияи муосири давлатдорӣ Президенти давлат пеш аз ҳама вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатиро иҷро менамояд.

Таҳқиқи таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки модели конститутсионии фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи рушди давлатдорӣ мутобиқ буда, барои таҳкими пояҳои давлат, таъмини суботи сиёсӣ ва рушди устувори ҷомеа заминаи мусоид фароҳам овардааст. Мавқеи конститутсионии Президент имконият медиҳад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар доираи сиёсати ягонаи давлатӣ амалӣ гардида, ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ҳамоҳангии зарурӣ татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, инъикоси конститутсионии фаъолияти Президент танҳо ба муайян намудани салоҳиятҳои ҳуқуқии ӯ маҳдуд намешавад, балки тамоми механизми ташкили ҳокимияти давлатӣ ва тартиби амалисозии онро фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам оварда, мақоми ӯро ҳамчун сарвари давлат, роҳбари ҳокимияти иҷроия ва кафили фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ муқаррар намудааст. Таҳлили меъёрҳои конститутсионӣ нишон медиҳад, ки тартиби интихоб, салоҳиятҳо, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва низоми ҳамкории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба талаботи давлатдории муосир мутобиқ буда, барои таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ, татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад

Боби севвуми рисолаи мо **“Нақши ниҳоди Президент дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир”** ном гирифтааст, ки бевосита ба омӯзиши ташаккули ин ниҳод ва аҳамияти он барои ҷомеаи тоҷикистонӣ тахассус дода шудааст.

Зербоби аввали сеюми боби сеюм “**Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” унвон гирифта, дар он мавзуи амнияти миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдории муосир дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини соҳибихтиёрии давлатӣ, тамомияти арзӣ ва нигоҳдории суботи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои гуногуни дохиливу хориҷӣ масъалаи таъмини амнияти миллӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мустақил ба таҳкими низоми амниятии худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро яке аз омилҳои муҳими рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд.

Дар ин замина, амнияти миллӣ на танҳо ҳамчун воситаи муҳофизати давлат аз таҳдидҳо, балки ҳамчун заминаи муҳим барои рушди устувор, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ баромад менамояд. Барои тақвияти ин матлаб иқтибос овардани андешаи муҳаққиқ С. Ятимов хеле бамаврид аст: “Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошад” [23, с. 7].

Дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши марказӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати амнияти миллӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таалluқ дорад. Президент ҳамчун сарвари давлат ва кафили ҳифзи манфиатҳои миллӣ масъулияти баландро дар самти таъмини амнияти ҷомеа ва давлат ба зимма дорад. Таҷрибаи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва нигоҳдории суботи сиёсӣ бевосита аз самаранокии механизми идоракунии давлатӣ вобаста аст.

Мақоми махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амният ва суботи ҷомеа, пеш аз ҳама, дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси ҳуқуқии худро ёфтааст. Тибқи моддаи 64-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Президент кафили соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва ягонагии давлат, тамомияти арзӣ, пойдории давлат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад” [2, м.74].

Ин меъёри конститутсионӣ на танҳо мақоми ҳуқуқии Президентро муайян менамояд, балки доираи масъулияти ӯро дар самти ҳифзи давлат ва ҷомеа низ мушаххас месозад. Аз ин рӯ, фаъолияти Президент дар соҳаи амният танҳо ба идоракунии сохторҳои давлатӣ маҳдуд набуда, тамоми самтҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кишварро фаро мегирад.

Дар шароити муосир таъмини амнияти миллӣ танҳо бо муқовимат ба таҳдидҳои ҳарбӣ ё сиёсӣ маҳдуд намегардад; омилҳои маънавию идеологӣ низ ба суботи ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Мубориза бо ҷаҳолат ва хурофотпарастӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таъмини амнияти миллӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар (9 марти соли 2024) махсус таъкид намуданд, ки “Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад. Хурофот хатарест, ки ба имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ дорад. Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад” [17].

Матлаби мазкур шаҳодат медиҳад, ки амнияти миллӣ ба сатҳи маърифат ва фарҳанги сиёсии ҷомеа низ вобастагӣ дорад. Сиёсати давлат дар самти баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва тарбияи ҷавонон

дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз омилҳои муҳими таҳкими суботи сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 яке аз сангинтарин саҳифаҳои таърихи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки кишварро дар остонаи аз байн рафтани давлатдории миллӣ қарор дода буд. Зарари моддии расонидаи ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 7 миллиард долларро ташкил намуда, рушди иқтисодию иҷтимоиро барои даҳсолаҳо ба ақиб партофт.

Маҳз бо ташаббус ва талошҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати фаъолонаи хориҷӣ роҳандозӣ гардида, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Таҳқиқоти илмӣ низ аҳамияти байналмилалии таҷрибаи Тоҷикистонро тасдиқ менамоянд. Муҳаққиқ Гулҳаё Мадимарова чунин менигорад: “Раванди барқарорсозии сулҳи тоҷикон боиси он гардидааст, ки сиёсатшиносони хориҷӣ ин муваффақиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро дар пажӯҳишҳои худ объективона инъикос намоянд. Омӯхтани он дар бисёр мамлакатҳо ва минтақаҳои ба низоъ дучоршуда метавонад муборизаи онҳоро дар роҳи бозсозӣ хеле осон ва ҳалии осоиштаи проблемаю ихтилофҳои ҷомеаро таъмин кунад” [8, с. 75].

Дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ мубориза бо терроризм, экстремизм ва дигар зуҳуроти ифротгароӣ мебошад. Оид ба ҳалли ин мушкилот андешаи М. М. Курбонов хеле бамаврид аст: “Дар чунин шароит нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ҳамоҳангсози сиёсати давлатӣ дар самти пешгирӣ ва бевараргардонии ин таҳдидҳо аҳамияти калидӣ касб мекунад” [7, с. 144].

Бо ташаббуси Президент заминаҳои устувори ҳуқуқӣ, аз ҷумла “Стратегияи миллии муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021–2025” ва як қатор қонунҳои соҳавӣ қабул гардиданд. Дар доираи сиёсати инсонпарваронаи Сарвари давлат садҳо занону кӯдакони тоҷик аз минтақаҳои низоъ (Сурия ва Ироқ) ба Ватан баргардонида шуданд. Инчунин, то имрӯз фаъолияти 29 гурӯҳ ва иттиҳодияи террористиву экстремистӣ дар ҳудуди кишвар мамнӯъ эълон шудааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ низ Тоҷикистон мавқеи фаъол дорад. Президент Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии Душанбе (майи соли 2018) таъкид намуда буданд, ки “Вокуниш ба таҳдиди рӯзафзуни терроризм ва ифротгароӣ бояд бо нақши калидӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои дахлдори он фарогир ва амиқ гардонда шавад...” [17]. Ба сабаби рушди босуръати технологияҳо, амнияти иттилоотӣ ба ҷузъи таркибии амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Гурӯҳҳои ифротӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби ҷавонон истифода мебаранд, ки ин тадбирҳои ҷиддии давлатиро тақозо мекунад. Бо мақсади танзими ҳуқуқии ин соҳа қонунҳо «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва Консепсияи амнияти иттилоотӣ қабул шудаанд. Муҳаққиқ Ҳошимов Ф.Д. дуруст қайд мекунад, ки “Татбиқи пайгиронаи ин санадҳо барои ҳифзи фазои иттилоотии кишвар ва пешгирии истифодаи

ғайриқонунии технологияҳои иттилоотӣ аҳамияти муҳим дорад” [19, с. 737].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дошта, дар минтақаи ҳассоси геополитикӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, муҳаққиқи ватанӣ А.Н. Маҳмадов чунин ибрози назар менамояд: “Масъалаҳои вобаста ба қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории фаромиллӣ, терроризм ва экстремизм бо амнияти миллӣ ва суботи сиёсии кишвар робитаи мустақим доранд. Дар чунин шароит нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ташаббускори сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба ин таҳдидҳо аҳамияти махсус касб менамояд” [11, с. 32].

Таҳлили фасли мазкур нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури калидӣ ва меҳварии низоми амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Фаъолияти Президент ҳамчун кафили конститутсионӣ ва Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо сохторҳои низомиву қудратӣ, балки соҳаҳои идеологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва дипломатияи байналмилалиро фаро гирифта, рушди устувори давлатдории миллиро кафолат медиҳад.

Зербоби дуввуми боби севвум **“Таҳкими ниҳоди Президенти Тоҷикистон дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ”** ном гирифта, асоснок карда шудааст, ки таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди объективии сиёсиву ҳуқуқӣ буда, дар шароити буҳрони амиқи сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, заъфи сохторҳои давлатӣ ва зарурати ҳифзи истиқлолияти миллӣ ташаккул ёфтааст. Дар чунин шароит мавқудияти маркази ягонаи сиёсӣ барои таъмини суботи давлатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият ва ҳифзи якпорчагии кишвар аҳамияти ҳалкунанда касб намуд. Дар марҳилаҳои ҳассоси рушди давлатдорӣ нақши шахсият дар идоракунии сиёсӣ афзоиш ёфта, фаъолияти роҳбари давлат метавонад ба омили муҳими таҳкими давлатдорӣ мубаддал гардад. Дар ин замина, андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот истифода гардидаанд. Аз ҷумла, Абдуллоҳи Раҳнамо таъкид менамояд, ки “Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ имрӯз дигар фақат як шахс нест, ки ҳатман ҳар яки мо бо ӯ шиносоии шахсӣ дошта бошем ва ҳар яки мо аз ӯ инъоме ё мансабе дарёфт кунем, балки фаъолият ва шахсияти ӯ маҳз дар раванди таърихии давлатсозӣ ва ташаккули арзишҳои усулии давлатдории муосири мо таҷассум ёфтааст. Яъне дар дидгоҳи таърихию давлатмеҳвар Пешвои миллат дигар на ҳамчун шахси алоҳида, балки ҳамчун шахсияти таърихӣ ва рамзи арзишҳои бунёдии давлатдории муосири мо гиромӣ дошта мешавад. Ин аст, ки имрӯз ӯ аз тарафи огоҳон на ҳамчун шахс, балки ҳамчун рамзи арзишҳои бунёдии давлатдорӣ, ҳамчун меҳвари ваҳдати миллӣ, ҳамчун кафили суботи устувор, ҳамчун арзиши миллӣ ва ҳамчун сарвати давлатию таърихӣ ҷонибдорӣ ва ҳимоя мешавад” [1, с. 75] арзёбӣ мегардад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, ин мавқеъ нишон медиҳад, ки нақши ниҳоди президентӣ аз доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ фаротар рафта, ба унсури ҳифзи давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ табдил ёфтааст.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ гардида, мавҷудияти ниҳоди пурқуввати президентӣ ба зарурати таърихӣ мубаддал шуд. Дар чунин вазъият маҳз ин ниҳод тавонист фаъолияти мақомоти давлатӣ, барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидсозии ҷомеаро таъмин намояд. Ба ин муносибат муҳаққиқ Р.Ҷ. Ҳайдаров менависад, ки "Имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳкили истиқлолияти далватии тоҷикон бевосита ба ташаакули ниҳоди президентӣ вобастагии амиқ дорад. Зеро маҳз ба шарофати сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаву бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бӯҳрони шадиди солҳои аввлаи истиқлолият бартараф гардид" [3, с. 38]. Ба назари мо, ин андеша воқеияти рушди давлатдории Тоҷикистонро инъикос намуда, собит месозад, ки таҳкими ниҳоди президентӣ яке аз омилҳои асосии бартараф намудани буҳрони сиёсӣ ва нигоҳдории давлатдорӣ гардид.

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият танҳо ба иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ маҳдуд набуда, балки ба ташкили низоми нави идоракунӣ, барқарорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ва татбиқи ислоҳоти давлатӣ нигаронида шуда буд. Дар ин замина таъкид мегардад, ки "Мардум бояд дуруст дарк кунанд, ки манфиати миллии онҳо дар чист ва манфиати неруҳои манфиатхоҳи берунӣ аз чӣ иборат аст" [21, 425]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ аҳамияти баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳифзи амнияти иттилоотиро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таҳкими ниҳоди президентӣ инъикос менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти марҳилавӣ дошта, тавассути такмили заминаҳои конститутсионӣ, густариши ваколатҳои Президент, ташкили механизмҳои нави идоракунии давлатӣ ва рушди сохторҳои институтсионалӣ амалӣ гардидааст. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия имконият фароҳам овард, ки самаранокии идоракунии давлатӣ баланд гардида, суботи сиёсӣ таҳким ёбад.

Шаҳбоз Асадов қайд менамояд, ки «тағйиру иловаҳои конститутсионии солҳои баъдӣ пеш аз ҳама ба таҳкими ҳокимияти иҷроия ва густариши нақши Президент дар низоми идоракунии давлатӣ равона гардида буданд». Ба андешаи мо, чунин равand хусусияти объективӣ дошта, ба зарурати мутобиқ намудани низоми сиёсӣ ба шароити пасоҷангӣ ва таъмини идоракунии самаранок вобаста буд.

Дар диссертатсия махсус таъкид шудааст, ки фаъолияти ниҳоди президентӣ танҳо дар доираи сиёсати дохилӣ маҳдуд набуда, дар ташаккули сиёсати хориҷӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон низ нақши калидӣ дорад. Сиёсати «дарҳои кушода», рушди муносибатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ба болоравии нуфузи байналмилалии кишвар мусоидат намуданд.

Ф. Давлатова менависад, ки "Дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистон ба ҳайси актори комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ... табдил ёфтааст"

[3, с. 99]. Ба назари мо, ин дастовардҳо бо таҳкими низоми президентӣ ва сиёсати пайгиронаи давлатдорӣ алоқамандии мустақим доранд.

Дар раванди таҳқиқот ҳамчунин нақши ниҳоди президентӣ дар таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муайян шудааст, ки таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва хавфҳои геополитикӣ зарурати таҳкими минбаъдаи иқтидори сиёсӣ ва институтсионалии Президентро тақозо менамоянд.

Дар ин робита Пешвои миллат таъкид менамоянд: "...таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар... табдил ёфта истодааст" [17]. Ба андешаи мо, чунин мавқеъ нақши Президентро ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ҳамоҳангсози сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои муосир равшан месозад.

Фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаббусҳои байналмилалии обу иқлим яке аз ҷанбаҳои нави таҳкими ниҳоди президентӣ мебошад. Пешниҳодҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим ба баланд гардидани нуфузи байналмилалии кишвар мусоидат намуда, нақши Президенти давлатро ҳамчун ташаббускори сиёсати глобалӣ тақвият бахшидаанд. Дар баробари ин, дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки рақамикунонии идоракунии давлатӣ, рушди ҳукумати электронӣ ва такмили иқтидори касбии хизматчиёни давлатӣ аз самтҳои муҳими рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ ба ҳисоб мераванд. Ин равандҳо барои баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ замина фароҳам меоранд.

Хулоса, таҳкими ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди қонунманди рушди давлатдорӣ буда, дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ ба ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, рушди низоми идоракунии давлатӣ, пешбурди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат намудааст. Самаранокии минбаъдаи ин ниҳод ба такмили пайвастаи заминаҳои ҳуқуқӣ, рушди институтҳои демократӣ, баланд бардоштани эътимоди ҷомеа ва мутобиқшавии низоми давлатӣ ба таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ вобаста хоҳад буд.

Хулоса

Ташаккули низоми нави идоракунии давлатӣ ва сохтори муосири фаъолияти сиёсӣ таҳти роҳбарии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи аввали соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ниҳоди Президент ҳамчун падидаи нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули давлатдории навини тоҷикон ба вуҷуд омада, дар рушди минбаъдаи низоми ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ бозид. Сарфи назар аз мушкилоти хоси давраи гузариш, инчунин татбиқи ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ ва тағйироти сохторӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, ниҳоди Президент тавонист ҷойгоҳи марказии худро дар механизми ҳокимияти давлатӣ ҳифз намояд. Дар ин марҳила он ҳамчун омили муҳимми нигоҳдории суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими асосҳои давлатдорӣ нақши калидӣ иҷро кард. Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти муназзами рукнҳои

ҳокимияти давлатӣ ва робитаи онҳо бо ҷомеа аҳаммияти хосса касб менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури меҳварии низоми сиёсӣ ва омили калидии таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян гардид, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари мақоми олии конститутсионӣ будан, вазифаи таҳкими ваҳдати ҷомеа, ҳамоҳангсозии неруҳои сиёсӣ ва таъмини рушди устувори давлатро низ иҷро менамояд[3-М].

Омӯзиш ва таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири сиёсӣ имконият фароҳам овард, ки моҳият ва хусусиятҳои ниҳоди Президент аз нигоҳи консепсияҳои ҳокимияти иҷроияи қавӣ, легитиматсияи сиёсӣ, таҷзияи ҳокимият ва нақши шахсияти роҳбар дар низоми давлатдорӣ ҳамаҷониба равшан карда шаванд. Муайян карда шуд, ки дар илми сиёсӣ Президент ҳамчун субъекти фаъол ва ташаббускори сиёсати миллӣ баррасӣ мешавад, ки қудрати ӯ танҳо ба ваколатҳои ҳуқуқӣ маҳдуд набуда, ҳамчунин ба қобилияти таъсиррасонӣ, муттаҳидсозии ҷомеа ва роҳбарии стратегӣ вобаста аст. Ин дидгоҳҳо барои дарки хусусиятҳои модели президентии Тоҷикистон заминаи назариявии муҳим фароҳам оварданд[2-М].

Пажӯҳиши мавзӯъ собит сохт, ки пайдоиш ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврае сурат гирифт, ки кишвар бо мушкилоти ҷиддии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд. Давраи аввали истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони давлатдорӣ зарурати таъсиси маркази мутамаркази ҳокимияти сиёсиро ба миён оварданд. Маҳз дар ҳамин марҳила ниҳоди Президент ҳамчун механизми барқарорсозии давлатдорӣ, таъминкунандаи суботи сиёсӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ зуҳур намуд.

Таҳлил собит сохт, ки барқарор гардидани ниҳоди Президент ва таҳкими минбаъдаи он бо раванди сулҳофаринӣ, ваҳдати миллӣ ва эҳёи сохторҳои давлатӣ робитаи мустақим дошт. Ин раванд имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолати фурӯпошии сиёсӣ ба марҳилаи устувории институтсионалӣ гузарад. Дар ин замина, Президент ҳамчун роҳбари сиёсӣ ва рамзи ягонагии миллӣ баромад намуда, дар ташаккули модели нави давлатдорӣ нақши ҳалкунанда бозид [3-М].

Раванди ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон ба таҳкими тадричии мавқеи ниҳоди президентӣ мусоидат намуд. Дар натиҷа, ин ниҳод аз мақоми расмии конститутсионӣ фаротар рафта, ба маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва қабули қарорҳои дорои аҳаммияти стратегӣ табдил ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари роҳбарии ҳокимияти иҷроия, иҷрои вазифаҳои муҳимми конститутсиониро низ ба уҳда дорад. Ба доираи чунин вазифаҳо таъмини риояи Конститутсия, ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, инчунин, нигоҳдорӣ ва таъмини тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ин мақоми ҳуқуқӣ ба Президент имкон фароҳам меорад, ки дар самтҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амниятӣ нақши ҳамоҳангсоз ва кафилро иҷро намояд.

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ хусусияти бисёрҷанба дорад. Аз як тараф, президент тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ фаъолияти мақомоти давлатиро ҳамоҳанг месозад; аз ҷониби дигар, ҳамчун шахсияти сиёсӣ ҷомеаро муттаҳид намуда, равандҳои иҷтимоиро ба самти созанда равона мекунад. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи пасоҷангӣ маҳз чунин нақши комплексии президент метавонад заминаи устувори субот ва рушди давлатро таъмин намояд.[3-М]

Амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури чудонашавандаи давлатдорӣ бо фаъолияти ниҳоди президент робитаи зич дорад. Президент дар ташаккули сиёсати амниятӣ, ҳамоҳангсозии сохторҳои кудратӣ, таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва татбиқи тадбирҳои зиддитеррористӣ нақши марказӣ мебозад. Илова бар ин, ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таҳкими амнияти минтақавӣ мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшидаанд. [3-М]

Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президент ҳамчун як низоми ҳамгиро амал мекунад. Суботи дохилӣ, рушди иқтисодӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва иштироки фаъол дар равандҳои минтақавию байналмилалӣ омилҳои ба ҳам алоқаманди таҳкими устувории давлат ба ҳисоб мераванд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон танҳо ба доираи сиёсати дохилӣ маҳдуд набуда, ҳамчун унсури муҳимми амнияти минтақавӣ низ зуҳур мекунад [3-М].

Хулосаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд, ки модели президентии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси ҷомеаи пасошуравӣ ва пасоҷангиро дар худ таҷассум мекунад. Дар ин модел Президент на танҳо роҳбари иҷроия, балки субъекти фаъоли сулҳофаринӣ, муттаҳидкунандаи миллат ва ташаббускори рушди устувор мебошад. Ин хусусиятҳо модели тоҷиконаи президентиро аз намунаҳои классикии ғарбӣ фарқ мекунанд ва зарурати баррасии онро ҳамчун таҷрибаи мустақили давлатдорӣ ба миён меоранд.

Тақвияти ниҳоди Президент дар Тоҷикистон ҳамчун ҷавоб ба ниёзҳои таърихии ҷомеа ва зарурати барқарорсозии давлатдорӣ сурат гирифтааст. Дар шароите ки ниҳодҳои дигар ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доштанд, президент вазифаи ҳамоҳангсозии тамоми низоми сиёсиро ба зимма гирифт. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷомеаҳои гузариш президент метавонад ҳамчун «меҳвари устуворӣ» амал намояд.

Дар ҷараёни рушди давлатдории навини Тоҷикистон ниҳоди президентӣ мавқеи устувори худро дар низоми сиёсӣ касб намудааст. Имрӯз он ҳамчун яке аз механизмҳои асосии таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи амнияти миллӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар амал менамояд. Фаъолияти Президент дар таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини амният, рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва пешбурди ислоҳоти давлатӣ аҳаммияти

